**ХУЛОСА**

ба кори диссертатсионии Асомиддинзода Ҳусейн Муҳиддин дар мавзӯи “Рушди фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ дар низоми таълими равиявӣ (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Кори диссертатсионии Асомиддинзода Ҳ.М. ба омӯзиши фаъолноксозии фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ дар низоми таълими равиявӣ дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии бахшида шуда, дар кафедраи кафедраи “Методикаи тадриси илмҳои табатшиносӣ” – и Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав гузаронида шудааст. Мавзӯи рисолаи ӯ бешак мубрам ва бамаврид мебошад. Ба натиҷаҳои асосии кори мазкур, ки дар заминаи навгонии илмӣ мавриди ҳавасмандии муайян мебошад, инҳоро нисбат додан мумкин аст:

- технология доир ба фаъолноксозии фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ тарҳрезӣ шуд, ки хусусияти марҳилавӣ будани амалисозии амсилаи таҳияшуда ва шароити фаолият ва ташаккули натиҷаноки онро таъмин менамояд;

- амсилаи фаъолноксозии фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ тарҳрезӣ шуд, ки хусусияти хоси он консепсияи корбасти ҳадди аксари имкониятҳои таълими равиявӣ барои ноилшавӣ ба марҳилаи эҷодию таҳаввулдиҳандаи салоҳиятнокии таҳсилию маърифатӣ аз ҷониби хонандагон мебошад;

- маҷмӯи шароити педагогии фаъолият ва ташаккули босифат дар низоми таълими равиявии амсила доир ба фаъолноксозии фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ аз ҷиҳати назариявӣ далелнок карда шуда, аз ҷиҳати озмоишӣ мавриди санҷиш қарор гирифт.

Хулосаҳои асосии таҳқиқоти Асомиддинов Ҳ.М. далелнок буда, бо миқдори калони маводи назариявӣ ва амалӣ тақвият дода шудаанд. Автореферат ва интишорот муҳтавои рисоларо пурра инъикос менамоянд.

Дар вақти навиштани кор Асомиддинзода Ҳ.М. худро ҳамчун таҳлилгар

ва педагог – амалияпардози илми табиатшиноси (биология) нишон додааст. Дар вакти кор аз рӯи кори диссертатсионӣ ӯ худро ҳамчун муҳаққиқе нишон дод, ки метавонад қарорҳои навоваронаро ёфта, онҳоро дар раванди таълимию тарбиявӣ татбиқ намояд.

Хислатҳои шахсиятии муаллиф ва омодагии унвонҷӯро ба кори мустақилонаи илмию таҳқиқотӣ ба назар гирифта, чунин мешуморам, ки кори диссертатсионии Асомиддинзода Ҳусейн Муҳидин дар мавзӯи "Рушди фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ дар низоми таълими равиявии муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар мисоли фанни биологияи соҳаи биология-география)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст, кори баанҷомрасидаи илмию таҳқиқотӣ буда, ба талаботи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад ва барои ҳимоя дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз рӯйи ихтисос тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор С. Холназаров

10.10.2024

Имзоро тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳои
ДДБ ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС